**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From
the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

**ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ**

# АНҶОМ ЁФТАНИ ЛОИҲАИ СОХТИМОНИ БИНОИ НАВИ МАКТАБ ДАР НОҲИЯИ ДӮСТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШД АЗ ТАРАФИ ҲУКУМАТИ ҶОПОН

**Душанбе, Тоҷикистон, 20.11.2025**

20-уми ноябри соли 2025, Сафири Фавкулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум ФУРУТА Кэйко** дар маросими анҷомёбии «**Лоиҳаи сохтимони бинои нав барои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45 дар деҳаи Намунаи ноҳияи Дӯстӣ»** ширкат варзид. Лоиҳаи мазкур дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кумакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) амалӣ гашт.

Дар маросим муовини раиси вилояти Хатлон **ҷ-би ҚУРБОНЗОДА Амирхон,** раиси ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон **ҷ-би НИШОНЗОДА Даврон,** кормандони муассисаи болозикр ва сокинони деҳа низ ширкат доштанд.

Кумаки бебозгаш ба маблағи **113.691 доллари ИМА** аз тарафи ҳукумати Ҷопон ба мақомоти иҷроияи давлатии ноҳияи Дӯстӣ ҷудошуда барои сохтмони бинои иловагии мактаб ва беҳтар кардани шароити таълиму тарбия самаранок истифода шуд. Акнун солона тақрибан 350 нафар хонандагон метавонанд дар шароити беҳтар таҳсилоти худро идома диҳанд.

Зимни суханронӣ, **хонум ФУРУТА Кэйко,** ҳозиринро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳаи муҳими иҷтимоӣ табрик намуд. Хонум Сафир инчунин қайд кард, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти боэътимоди Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти он дар тӯли беш аз 30 сол ба мардум дар соҳаҳои гуногун фаъолона кумак мерасонад ва соҳаи маориф дар мадди аввал меистад.

Раиси ноҳияи Дӯстӣ, **ҷ-би НИШОНЗОДА Даврон**, кормандони мактаб ва сокинони деҳа миннатдории амиқи худро ба Ҳукумат ва мардуми Ҷопон барои кумаки расонидашуда изҳор карданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад, ки дастгирии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд маҳсуб мешавад. Кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ дода мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ **470** лоиҳаро ба маблағи умумии **$39.2** миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла **158** лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ татбиқ шуданд.

Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html





